«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ___________**
**«24» ___январи___ соли 2026**

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси 60030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Рустамзода Садам Рустам доктори фалсафа (PhD), назди кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Рустамзода Садам Рустам соли 2015 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2019 хатм намудааст. Инчунин, соли 2019 ба зинаи таҳсилоти магистратура ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил шуда, онро низ соли 2021 бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 05.11.2021 №444-05 ба ҳайси докторанти доктори фалсафа PhD, доктор аз руйи ихтиссоси 6D030301 қабул шуда, онро бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз 09.08.2024 №284-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурой олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 03 декабри соли 2021 №4 (21-22) тасдиқ шӯдааст.

**Роҳбари илмӣ:** Раҳмонзода М.Ҷ. - номзади илмҳои хуқуқшиноси, дотсент мудири кафедраи хуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети хуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Рустамзода Садам Рустам дар ҷаласаи кафедраи' ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети хуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2026 №6 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби

муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ омода шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад ва он ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои солҳои 2020-2025» алоқаманд мебошад.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

4. **Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти таҳқиқот бо муносибати комплексӣ нисбат ба омӯзиши мушкилоти ҳифзи ҳуқуқӣ–ҷиноятии дахлнопазирии ҷинсӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф ба рушди доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат намуда, заминаи назариявиро ҷиҳати дарки низоми ҷиноятҳои ба муқобили шахсият васеъ мегардонанд.

Натиҷаҳои бадастомада дорои арзиши илмӣ буда, метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда, ки ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати ҷиноятӣ дар соҳаи ҳифзи озодии ҷинсӣ равона шудаанд, истифода шаванд. Дар доираи кори илмӣ-таҳқиқотӣ таҳлили ҳамаҷонибаи меъёрҳои муқарраркунандаи ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҷинсӣ анҷом дода шудааст, ки ин зарурати такмили меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар раванди қонунэҷодӣ, бахусус дар қисмати ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили дахлнопазирии ҷинсии шахсият, асоснок менамояд.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Довталаб масъалаҳои мураккаби ҳифзи ҳуқуқӣ– ҷиноятии дахлнопазирии ҷинсиро мустақилона таҳлил намуда, консепсияи илмии худро пешниҳод кардааст. Саҳми шахсии муаллиф дар интихоби мавзуъ ва асосноккунии он, гузориши масъалаи илмӣ ва анҷом додани таҳқиқоти комплексӣ ифода меёбад. Муаллиф меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ҷавобгариро барои таҷовуз ба дахлнопазирии ҷинсӣ танзим менамоянд, шахсан таҳлил карда, хусусиятҳои татбиқи онҳоро дар шароити муосир муайян намудааст. Хусусияти мустақили кор бо таҳияи таърифҳои муаллифӣ, таснифот ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тасдиқ мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар як қатор нашрияҳои илмӣ инъикос ёфта, дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ апробатсия шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқи мазкур, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки ба баррасии бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда аҳаммияти назаррас доранд. Масалан:

1. Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии ҷинсӣ ва имкониятҳои амалисозии онро на ҳамеша ба таври кофӣ ҳифз менамояд. Мутобиқи қонунгузорӣ, танҳо шахсони ба синни 14-солагӣ нарасида, гирифтори беморӣи руҳӣ ё онҳое, ки мазмун ва аҳаммияти амалҳои ҷинсиро дарк карда наметавонанд ё қобилияти муқовимат ба кирдори ҷинояткорро надоранд, ҳамчун дорои озодии ҷинсӣ эътироф намешаванд. Нисбат ба чунин шахсон кирдорҳои ҷинсӣ ҳамчун таҷовуз ба дахлнопазирии ҷинсӣ арзёбӣ мегарданд. Бо вуҷуди ин, дахлнопазирии ҷинсӣ ҳамчун муносибати ҳуқуқии мутлақ бояд ба ҳамаи шахсоне дахл

дошта бошад, ки бо ҳар гуна сабабҳо имкони муайян намудани ҷониби ҷинсии ҳаёти иҷтимоии худро надоранд.

2. Шахсоне, ки бо сабабҳои гуногун дар ҳолати оҷизӣ қарор доранд, қобилияти амалисозии озодии ҷинсиро надоранд. Дар ҳолати оҷизӣ умуман наметавон аз мавҷудияти озодии ҷинсии чунин шахс сухан гуфт. Шахсе, ки бо сабабҳои муайян наметавонад озодии ҷинсии худро амалӣ намояд, дорои мақоми дахлнопазирии ҷинсӣ мебошад, зеро дар чунин ҳолат ӯ ҳуқуқ ба ҳифзи дахлнопазирии худро дар маҷмӯъ, аз ҷумла дар соҳаи ҷинсӣ дорад.

3. Озодии ҷинсӣ ҷузъи ҷудонопазири маҷмуи ҳуқуқу озодиҳои табиии инсон мебошад. Ин озодӣ аз лаҳзаи расидан ба синне ба вуҷуд меояд, ки давлат ҳуқуқи таъсиси оила (18 сол) ва имконияти он (16 сол)-ро қонунан эътироф менамояд. Озодии ҷинсӣ то ҳамон вақт боқӣ мемонад, ки шахс имкони воқеии амалисозии онро дорад. Бо аз даст рафтани чунин имконият, шахс дорои мақоми дахлнопазирии ҷинсӣ мегардад. Дар ҳолати оҷизӣ мавҷудияти озодии ҷинсӣ умуман набояд ба эътибор гирифта шавад. Аз ин рӯ, дахлнопазирии ҷинсӣ бояд ҳамчун манъи мутлақи ҳар гуна дахолат ба соҳаи ҷинсии шахсе фаҳмида шавад, ки озодии ҷинсиро ба даст наовардааст ё қобилияти амалисозии онро аз даст додааст. Дар робитаи мутақобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ, озодии ҷинсӣ ҳамчун унсури таркибии ҳуқуқу озодиҳои табиии инсон баромад мекунад.

4. Таърифи муаллифии мафҳуми дахлнопазирии ҷинсӣ пешниҳод мегардад, ки мувофиқи он: дахлнопазирии ҷинсӣ – манъи мутлақи ҳар гуна дахолат ба соҳаи ҷинсии шахсе мебошад, ки озодии ҷинсиро ба даст наовардааст ё қобилияти амалисозии онро аз даст додааст.

Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 8 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда,

интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 1, 25 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Рустамзода С.Р. Таҳлили аломатҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус [Матн] / С.Р. Рустамзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2026. – №3 – С. 229-233; ISSN 2413-5151.

**[2-М].** Рустамзода С.Р. Таърихи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ [Матн] / С.Р. Рустамзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ. – 2026. – №1 (41). – С. 276-288. ISSN 2414 – 9217.

**[3-М].** Рустамзода С.Р. Масоили фарқгузории таҷовуз ба номус аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсӣ [Матн] / С.Р. Рустамзода //Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ. – 2026. – №1 (41). – С. 253-264. ISSN 2414 – 9217.

**[4-М].** Рустамзода С.Р. Таҳлили аломатҳои субъективии таҷовуз ба номус [Матн] / С.Р. Рустамзода // Қонунгузорӣ. Маҷаллаи илмӣ-иттилоотӣ. – 2026. – №1 (61). – С. 201-213. ISSN 2414 – 9217.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5-М].** Рустамзода С.Р. Понятие и признаки половой свободы [Текст] / С.Р. Рустамзода // Правовая жизнь. Научно-информационный журнал. – 2025. – №1(49). – С. 139-148. ISSN 2307 – 5198

**[6-М].** Рустамзода С.Р. Сравнительно-правовой анализ уголовного законодательства ответственности за половую свободу в зарубежных странах [Текст] / С.Р. Рустамзода // Правовая жизнь. Научно-информационный журнал. – 2025. – №2(50). – С. 92-98. ISSN 2307 – 5198

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 6D030301-Ҳуқуқи

ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад. Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 20 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласа аз 23 январи соли 2026, №6

**Раиси ҷаласа:**
**н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,** **Холиқзода Ш.Л.**

**Котиби ҷаласа:** **Насриддинзода С.Н.**

**Имзоҳои Холиқзода Ш.Л. ва Насриддинзода С.Н.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**

**«23» январи 2026 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj